«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
__________ Ибодуллозода А. И.
“___” __________ соли 2022

**Нусхаи**

суратҷаласаи №2-и ҷаласаи якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29.09. 2022.

**Иштирок доштанд**:

1. Сангинзода Д. Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ;
2. Ахиева С. У. – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, сардори шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ;
3. Ғаффоров А. О. – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ;
4. Раҷабов Т. Б. – доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор;
5. Бегимов Ҳ. Х. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент;
6. Абдуллоев И. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон;
7. Ҷалилова М. Н. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент;
8. Юсупова С. А. - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон;
9. Ҷураева М. Ё. - номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон;
10. Бадалова М. А. – муаллими калон;
11. Масимов О. М. - муаллими калон;
12. Буриев Ф. К. - муаллими калон;
13. Назаров Д. А. - муаллими калон;

14. Табаров Д. Д. - муаллими калон;

15. Файзуллоев А. М. – муаллими калон;

16. Шукурзода Х. А. – ассистенти кафедра;

17. Раҳимов Ҷ. Х. - докторанти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ.

18. Фозилов С. М. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ;

19. Нурзода А. Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;

20. Мамадносирова М. М. - муаллими калон;

21. Мирзоназарова Б. С. - муаллими калон;

22. Чобулова Н. М. - муаллими калон;

23. Олимов Т. Ш. - муаллими калон;

24. Ҳусейнов Н. М. - муаллими калон;

25. Бобоёров З. Ҳ. – ассистенти кафедра;

26. Давлатназарова Ф. А.– ассистенти кафедра;

27. Шарипова М. С. – ассистенти кафедра.

**Даъватшудагон:**

28. Сатторов Т. – доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи зоология, академики шуъбаи Тоҷикистон Академияи байналмилалии донишгоҳои олӣ;

29. Баротзода К. А. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология;

30. Шарипов М. М. – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология;

31. Алимов С. Ш. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими химия.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Муҳокимаи рисолаи унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ

**Роҳбари илмӣ:** Бегимов Ҳ. Х. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

**Шунида шуд:**

Ҷаласа таҳти раёсати мудири кафедра, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Ғаффоров А.О. баргузор шуд.

Аз рӯйи масъалаи мазкур унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ гузориш дода, мазмуну муҳтавои рисоларо дар шакли фишурда гузориш дод.

Ҳозирини гиромӣ, рисолаи таҳқиқотие, ки мавриди муҳокима пешниҳод мегардад, ба мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” бахшида шуда, аз сарсухан, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Унвонҷӯ зикр намуд, ки дар замони муосири инкишофи ҷомеа, ислоҳоти соҳаи маориф мақоми хосаро сифати баландбардории кадрҳои педагогӣ фаро мегирад. Аз ин рӯ, хусусияти технологияи муосири таълимӣ ин омодагии касбии омӯзгорон ба ноилшавии натиҷаи баланди инкишофи эҷодии шахсият вабастагӣ дорад.

Имрӯз ба омӯзгор талаботҳои ҷиддӣ оид ба омодагии касбӣ гузошта мешавад. Пешомади амалишавии коркардҳои худинкишофёбии мактаб, ки сарчашмаи эҷодиёти омӯзгор мебошад, такя ба навгониҳои педагогӣ, инъикоси худро дар пайдо шудани мактабҳои типи нав зоҳир мешавад, дидан мумкин аст. Айни замон воридшавии элементҳои нави мазмуни маълумот, технологияи нави таҳсилот мустаҳкамии робитаи мактаб ва

илм, мурочиат ба тачрибаи пешқадами педагогии дунявӣ боз ҳам мақому мароми омӯзгорро дучанд месозад.

Самти рушди муосири мактаб, мураккабшавии таҳсилоти ибтидоӣ ва инкишофи хонанда боиси афзункунии эҷодкоронаи таълим ва инчунин талаботҳои нав ба навро оид ба омодагии методии муаллимони синфҳои ибтидоиро пеш мегузорад. Ба мактаби муосир омӯзгорони навовар, омӯзгор-эчодкор, омӯзгор-таҳқиқотчӣ, дорои қобилияти эҷодии ташхиси дилхоҳ метод, восита, маҳорати мушоҳидакорӣ, таҳлилкунӣ, дарёфти ҳолатҳои ҳақиқатшабеҳ, муқараркунии фарқият, ҷудокунии маҳаки асосӣ, умумигардонӣ, хулосабарорӣ, тахлили танқидӣ, интихобкунии мухим ба ин ё он ҳолати таълимӣ муносиб, ҳамзамон муҳайёкунии муҳити фаъолнокии ҷустуҷӯии хонанда-омӯзгор дорои тафаккури илмӣ-педагогии инкишофёфта лозим мебошад.

Масъалаи ошкорсозии нуфузи эчодии шахсият, инкишофи мустақилияти он салоҳият ба таҳқиқот, тарбиявии маънавӣ ва интеллектуалии он яке аз проблемаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Омодасозии омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва танқидан фикрронанда, қобилияти тахияи системаи таҳсилоти худ, ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти эҷодиро дар курсҳои донишҷӯйӣ гирифта бошад. Бинобар ҳамин, максад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ - дар асоси дониш ва маҳоратҳои мустаҳкамӣ дар донишҷӯён қобилият ба эҷодиётро инкишоф дода, хидоят ба равандҳои таҳқиқотӣ кунанд. Фақат омӯзгори эҷодкорона фаъолияткунанда, омӯзгори таҳқиқотчӣ, боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар мактаб, барандаи технологияи педагогии нав шуда метавонад.

Ақидаҳои боэътимоди асосиро оиди омодасозии омӯзгорон, қонуниятҳои умумии инкишофи мактаби олиро таҳқиқотҳои олимон С. И. Архангелский, Ю. К. Бабанский, В. П. Беспалко, В. В. Афанасев ва дигарон шабоҳат медиҳад.

Асосҳои назариявии маълумоти педагогӣ тасвири худро дар таҳқиқотҳои Г. А. Барабашев, В. А. Кан-Калик, А. В. Мудрик, В. А. Сластенин, Т. И. Шамова ва дигарон ёфтаанд.

Ба номгӯи маълумотҳои касбӣ таҳқиқотҳои педагогии О. А. Абдулин, А. Е. Дмитриев, А. И. Кочетов, М. Р. Лвов, В. О. Дорофеев, М. И. Моро бахшида шудааст.

Ташаккули шахсияти омӯзгор ва роҳҳои такмили маҳорати касбӣ дар таҳқиқотҳои Н. В. Кузмин, В. А. Ситаров, В. А. Сластенин, Л. В. Спирин, П. Г. Зернова ошкор гардидааст.

Аз ин рӯ, проблемаи таҳлили омодагии омӯзгор руҳбахшии назариявии коркарди масъалаҳои вобаста ба омодагии донишҷӯён ба фаъолияти эҷодӣ, таҳқиқотро мехоҳад. Як қатор таҳқиқотҳо (С. И. Архангелский, Т. Г. Горелов, В. И. Загвязинский, В. В. Краевский, Ю.Н. Кулюткин, А. К. Марков, М. М. Левина, М. Г. Коджаспирова, И. В. Иванов, И. Б. Коротяев, У. К. Осимов, Т. Б. Раҷабов, Т. Қ. Бурҳонов, Ҳ. Х. Бегимов, ва дигарон) эҷодиётро ҳамчун шарти зарурии омодагии касбӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Масъалаҳои инкишофи ибтидоӣ эҷодиётро дар фаъолияти таълимӣ-азхудкунии донишҷӯён, олимон: В.Е. Бондаревская, М. Г. Гарунов, П. И. Пидкасистий, Ю. П. Сокольников, А. В. Казанов, Я. И. Лернер ва дигарон мебинанд.

Такмили раванди таълимӣ – тарбиявиро дар мактаб баландбардорӣ, самаранокӣ ва сифати он робитаи бевосита омадагии касбии омӯзгор вобастагии ногусастанӣ дорад. Таҳқиқоти Ю. К. Бабанский, Н. В. Кузмин, В. А. Сластенин ва дигарон нишон медиҳад, ки аз дараҷаи азбар-кунандагии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои омӯзгор, донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои хонандагон ниҳоят вобаста буда, боиси салоҳиятнокӣ ва фаъолияти эҷодии онҳо мегардад.

Яке аз воситаҳои самаранокии фаъолияти омӯзгори оянда: маҳорати эҷодӣ, салоҳияти таҳқиқотӣ, дарки мустаҳкамии ягонагии раванди таълимӣ ва таҳқиқотӣ, ки боиси имконияти васеи ҷалби донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ ба кори таҳқиқотӣ-илмӣ мешавад. Ҷалби

донишҷӯён ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки онҳо фаъол, мустақилияти ҳар яке таъмин шавад ва ҳамзамон имконияти дорошавии маҳоратҳои таҳқиқотӣ дар асоси вуқуъшавии мақоми омӯзгор-таҳқиқотчӣ мусоидат намояд.

Ба проблемаи корҳои таҳқиқотии донишҷӯён як қатор андешаҳои олимон: Н. С. Амелин, В. И. Андреев, А. И. Новик, В. Т. Заценина, А. А. Лебедев, П. И. Пидкасистий, Т. Б. Раҷабов ва дигарон бахшида шудааст. Ба зарурияти ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳанӯз олимон Ф. И. Исаев, И. Н. Кобиляцкий ва дигарон дар осори таҳқиқотҳои худ қайду ишора кардаанд. Тамоилҳои асосӣ оид ба муайянкунии сохтори ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, асосноккунии худро дар корҳои Ю. К. Бабанский, Р. А. Низамов, Л. Ф. Спирин, Н. М. Яковлев, Н. В. Литовченко, Н. О. Заглядин дар ёфтаанд.

Ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии муаллимони ояндаро дар корҳои: О. А. Абдулин, С. П. Арсенов, В. Е. Бондаревская, И. Ю. Ерофиева, Н. В. Кузмина, В. А. Сластенин, Л. М. Салателян, М. Н. Бружукова таҳлил гардидааст. Роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии омӯзгор дар шароити фаъолияти педагогӣ ва системаи баланбардории такмили ихтисос аз тарафи Г. П. Скаминский баррасӣ шуда аст.

Ҷойгоҳи асосиро дар ташаккули фаъолнокии эҷодии мутахассиси оянда мансуби корҳои таҳқиқотии донишҷӯ давраи таҷрибаи омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад. Зарурияти таҷрибаи омӯзгориро дар омодагии таҳқиқотӣ О. А. Абдулин, И. Ю. Ерофеева, В. А. Сластенин, А. И. Щербаков, Н. Д. Левитов, Ф. Н. Тализина, В. Н. Пушкин, И. М. Денисова ва дигарон қайд менамоянд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки масъалаи амалисозии самти касбӣ-методии муаллимони оянда дар рисолаҳои таҳқиқотӣ (М. Р. Арабова, Н. И. Батканова, П. И. Раченко, О. Н. Заглядин, П. И. Кибалко, Л. Г. Литсман, А. Н. Демченкова, Т.Б. Раҷабов ва дигарон) мавриди таълими фанҳои асосии математикӣ оид ба ҷалби онҳо ба фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин, тибқи анъанавӣ ташаккули маҳоратҳои таҳқиқотӣ, ки вобаста ба ҳалли масъалаҳои математикӣ сурат мегирад дар корҳои В. А. Гусев, Н. П. Кострикиной, Д. Пойа, Т. Б. Раҷабов ва дигарон мавриди муоина қарор гирифтааст. Олимон И. В. Жернов, Ю. М. Колягин, Г. В. Токмазов, В. А. Белошистая чунин маҳоратҳои таҳқиқотиро ҷудо мекунанд, ки мавриди ҳалли масъалаҳои ҷустуҷӯӣ-таҳқиқотӣ ташаккул меёбанд.

Дороии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, имконият медиҳад, ки муаллимони оянда масъалаҳои рӯзмараи пешомадаро бомувоффақият хал кунанд, санъати педагогии худро сайқал диҳанд ва заминаи хуби идоракунии равандҳои педагогиро дошта бошанд.

Масъалаи баррасишаванда ниҳоят рӯзмарра буда, ҳалли он мавриди омодасозии раванди омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ мебошад. Барои ин раванди таълим боиси инкишофи фаъолнокии азхудкунӣ ва мустақилияти хонандагон гардад, ташаккули дар хонандагон сайъу ҷустуҷӯйи донишҳои нав худи омӯзгор бояд дорои сифатҳои шахсияти эҷодкор, кӯшиш ба фаъолияти таҳқиқотии педагогӣ бошад. Аз як тараф, омӯзгор бояд дорои салохиятҳои корҳои таҳқиқотӣ бошад, чунки вай вазифадор аст, ки хонандагони худро ба ин салохиятҳо ҳидоят кунад, аз ҷониби дигар – зарурияти ин аз талабҳои дар назди омӯзгор гузошта шуда барояд.

Ҷалби донишҷӯён ба эҷодиёт, ба таҳқиқот дар раванди ҳамаи зинаҳои тахсилот ба вуқуъ меояд. Асоси фаъолияти таҳқиқоти омӯзгорони оянда дар раванди машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, инчунин дар раванди навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм амалӣ мешавад.

Таҳлили умумӣ ва ҳолатҳои кунунии масъала нишон дод, ки педагогтҳо, психологҳо, методистон корҳои бисёреро дар ин ҷода ба анҷом расонида, диққати донишҷӯёнро ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҷалб намудаанд. Бар замми ин, баъзе масъалаҳое мавҷуданд, ки то андозае таҳлилу таҳқикро меҳоҳанд. Аз ҷумла, ошкорсозии пурраи модели таҷриба, меъёрҳои таснифотӣ, методикаи омодасозии муаллимони оянда ба

фаъолияти таҳқиқотӣ дар мувофиқа бо Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, роҳҳои ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимони оянда, баррасӣ нагардидааст.

То имрӯз баррасии нокифояи моҳият ва сохтори раванди ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши предметҳои тахассусии методӣ, ниёз ба такмили мазмуни омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ва фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар факултетҳои педагогика ба чашм мерасад. Инчунин, истифодаи нуфузи ҳамаи фанҳои таълимӣ барои самаранокии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ кифоя нест.

Бинобар ин, боиси пайдоиши мухолифатҳои зерин шуд:

- байни талаботи ҷомеа ба омӯзгори қобили иҷро намудани тамоили таҳқиқоти ба ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар мактаб, дараҷаи пасти омодагии муаллимони оянда ба фаъолияти таҳқиқотӣ;

- байни зарурати асосноккунии методҳои таҳқиқот дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва нокифоягии зарурии омодагии методологии омӯзгор-таҳқиқотчӣ;

- байни зарурати ташаккули омодагии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ ва мавҷуд набудани коркарди имконияти ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқот мавриди таълими он.

Бо назардошти ошкорсозии зиддиятҳо ва ҳалли онҳо боиси ба миён омадани проблемаи таҳқиқотии зерин гашт: «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқоти муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар факултети педагогика.

**Мақсади таҳқиқот:** - ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»

**Объекти таҳқиқот:** - раванди таълимӣ-тарбиявии таҳсилот оид ба омодасозии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ

**Предмети таҳқиқот:** - роҳу усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ

**Фарзияи таҳқиқот:** - ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ самаранок мегардад, агар:

- моҳият, сохтори фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ дақиқ карда шавад;

- имкониятҳои мавҷудаи ҷалби донишҷӯёни факултети педагогика ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ муайян гардад;

- коркарди методии ҷалби донишҷӯёни факултети педагогика ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда шавад;

- истифодаи таҷрибаи ҳосилшударо оид ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор амалӣ шавад;

- самаранокии коркарди методӣ тавассути озмоиш санҷида шавад.

**Барои расидан ба ҳадафҳо, мақсад ва исботи фарзияи таҳқиқот масъалаҳои зерини таҳқиқот мавриди ҳал қарор мегиранд:**

- муайянкунии моҳият ва мазмуни омодагии ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ;

- коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ;

- роҳҳо ва усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ;

- истифодакунии таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор;

- санҷидани самаранокии озмоиши андешаҳои коркардӣ методӣ оид ба ҷалби муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро ташкил намуданд:**

- тамоили системавии таълим;

- принсипҳои тамоили психологӣ;

- тамоили фаъолиятнокӣ оид ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ;

- тамоилҳо оид ба омодагии касбӣ-методӣ;

- назарияи ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии он ба фаъолияти педагогӣ;

- нишондодҳо оид ба назария ва методикаи таҳқиқотҳои педагогӣ.

**Барои ноил шудани масъалаҳои гузошташуда ва исботи фарзияи таҳқиқот методҳои таҳқиқотии зеринро истифода намудем:**

- таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ;

- омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам оид ба масъалаи таҳқиқот;

- моделонӣ, таҳлили барномаю ҳадафҳои методӣ, пурсишномаҳо, суҳбат, мушоҳида, методҳои баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ;

- таҳлили фаъолиятҳои таҳқиқотии донишҷӯён, озмоиши педагогӣ, рейтингҳо;

- коркарди омории натиҷаҳои озмоиши педагогӣ.

Ҷойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ДДБ ба номи Носири Хусрав интихоб карда шуда буд. Дар таҳқиқот иштирок намуданд 208 нафар донишҷӯ ва 40 нафар муаллимони синфҳои ибтидоии шаҳри Душанбе. Таҳқиқот дар давоми солҳои 2016 то 2021 дар се марҳила гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи якум** (2016-2017) - омӯхтани ҳолати кунунии омодагии муаллимони оянда ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва истифодаи он дар ҳалли масъалаҳои методӣ-касбӣ, нишондодҳо ва ифодагарӣ фаъолияти

таҳқиқотии муаллимон таҳлил карда шуд. Методҳои ташхисӣ меъёрҳои ифодакунандаи фаъолияти таҳқиқотии муаллимон муайян карда шуд. Озмоиши ислоҳӣ ва дараҷаи омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ муайян ҳисоби оморӣ гузаронида шуда, роҳҳои беҳдошти ин раванд пешгуи карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм** (2017-2020) - роҳу, усулҳо ва имкониятҳои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар факултетҳои педагогикаи донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард гардид. Инчунин имкониятҳо, роҳу усулҳои методикаи ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ озмоиш карда шуда ва таъсири мусбати он ба омодагии касбӣ-методӣ сифати навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм ошкор карда шуд.

**Дар марҳилаи сеюм** (2020-2021) – натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ҷамъбаст, таҳлили назариявии он, таҳлили сифатӣ ва миқдории умумигардонӣ ва таҳияи таҷрибавӣ-озмоиши кори таҳқиқотӣ, иншои матни рисола, пешниҳоди маслиҳатҳои методӣ баргузор гардид.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимониояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқоти доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ мекунанд, ошкор гардид;

- муқаррар ва илман имкониятҳои бомуваффақияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ асоснок карда шуд;

- меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: мароқнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбӣ ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар муваффақиятнокии худфаъолиятӣ); маърифатӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои

таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои лоиҳабандӣ, маҳоратҳои асосноккунӣ, маҳоратҳои ташкилӣ, маҳоратҳои робитавӣ); инъикоскунанда (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуктаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ).

- роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот боис ба он аст,** ки натиҷаҳои он ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид шуд. Дар кор мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ барои ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардид. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда мавриди омӯзиши фанни Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ муайян карда шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад асоси назариявии коркарди ояндаи ин проблема шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот боиси муайянкунии барномаи корӣ** ва васоити таълими фанни Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ гардид. Инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳдошти раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо гардид, муҳити фароҳам мавҷуд аст. Маводи рисоларо метавонанд дар бораи беҳдошти системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода кунанд.

**Ба ҳимоя андешаҳои зерин пешкаш мешаванд:**

- асосҳои назариявию методологии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ;

- ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ қисмати таркиби омодагии касбӣ-методии донишҷӯён дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ;

- имкониятҳои фароҳам оид ба ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ;

- сатҳи баланди ташаккулёфтаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ин мустақилона ҳалкунии масъалаҳои матнии душвор, сифатан иҷрои корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм мебошад.

**Амалисозӣ ва паҳнкунии натиҷаҳои таҳқиқот**

Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисола бо иштироки муаллиф дар хонишҳои педагогии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ҳайати омӯзгорону профессорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф (с. 2016-2021) баррасӣ шуданд.

Оид ба мавзуи рисола 17 мақолаҳое, ки нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷалла - нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и федератсияи Россия нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз сарсухан, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 152 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 171 номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ иборат аст.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ» - моҳияти омодагии муаллимони оянда, мафҳумҳои «фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ», «фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯ», «фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ» баррасӣ ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм - «Асосҳои методии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди омӯзиши фанни Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар донишгоҳ -

раванди омӯзиши ташаккул додани фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯёни ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ дар ҷараёни таълими фанни мазкур ба мадди назар гирифта шудааст.

**Раисикунанда:** маъруза ба охир расид. Марҳамат, ба маърӯзачӣ чӣ гуна саволҳо ҳаст?

**Абдуллоев И.** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллимикалон.

- Шумо ҳангоми таҳқиқот аз кадом методҳо истифода бурдед?

**Шукурзода Х.А.** - ҳангоми таҳқиқот мо дар мавриди ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар раванди омӯзиши фанни Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ, асосан, аз методҳои илмӣ-таҳқикотӣ, таҳлил ва таркиббандӣ ҷудокунии масъалаҳо ба зермасъалаҳо ва методҳои муқоиса, аналогия, ҷамъбасткунӣ, абстраксия ва моделонии математикӣ-муқарраркунии сохторию структуравии системаҳои гуногуни масъалаҳоистифода бурдем.

**Раҷабов Т.Б.** - доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессор.

- Мақсади таҳқиқоти Шумо аз чӣ иборат аст?

**Шукурзода Х.Ш.** – мақсади умумии таҳқиқоти мо аз омӯзиш, таҳлил, баррасию ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мавриди таълими Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ, иборат мебошад.

**Бадалова М.А.** – муаллими калони кафедра.

- Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Шуморо чиҳо ташкил медиҳанд?

**Шукурзода Х.А.** - асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқикоти моро тамоили системавии таълим принсипҳои тамоили психологӣ, тамоили фаъолиятнокӣ оид ба ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ, тамоилҳо оид ба омодагии касбӣ-педагогӣ, назарияи ташаккули шахсияти омӯзгор ва омодагии он ба фаъолияти педагогӣ, нишондодҳо оид ба назария ва методикаи таҳқиқотҳои педагогӣ, ташкил медиҳанд.

**Фозилов С.М.** - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ.

- Барои ноил шудан ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда ва исботи фарзияи таҳқиқот аз кадом методҳои таҳқиқотӣ истифода намудед?

**Шукурзода Х.А.** – аз мазмуни муҳтавои таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам оид ба проблемаи таҳқиқот, моделонӣ, таҳлили барномаю ҳадафҳои методӣ, пурсишномаҳо, суҳбат, мушоҳида, методҳои баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ, таҳлили маҳсули фаъолиятҳои таҳкиқотии донишҷӯён, озмоиши педагогӣ, рейтингҳо ва коркарди омории натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, пешниҳод шудаанд.

**Масимов О.М.** – муаллими калони кафедра

- Чанд мақолаи илмии Шумо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд?

**Шукурзода Х.А.** – чор мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидаам.

**Раисикунанда:** ҳамин тавр, агар дигар саволҳо набошанд, ба муҳокимаи рисола мегузарем. Сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳусен Худоёрович дода мешавад, марҳамат.

**Бегимов Ҳ.Х.** – Бояд гуфт, ки рисолаи таҳқиқотӣ дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардидааст. Чунин таҳқиқот дар сатҳи ҷумҳурӣ бори аввал сурат гирифтааст. Рисолаи таҳиягардида аҳамияти назариявию амалӣ низ дорад. Мантиқи баён дар рисола хуб риоя гардидааст. Забони баён низ хуб аст. Сохтор ва мазмуну мӯҳтавои автореферат мазмуну мӯҳтавои худи рисоларо инъикос менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми гузаронидани таҳқиқот унвонҷӯ худро ҳамчун унвонҷӯи пухтакор ва мустақил муаррифӣ намудааст. Доир ба таҳқиқот ҳамаи супоришҳои пешниҳодшуда саривақт ва босифат иҷро гардидааст. Доир ба масоили пайдошаванда фикру андешаи хоси худро дорад ва бомаслиҳат онро дар таҳқиқот татбиқ кардааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи Шукурзода Хуршеди Абдумумин таҳқиқоти нав, мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро шуда, аҳамияти муҳими назариявию амалӣ дорад.

Нуктаҳои асосии рисола дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои илмӣ нашр шуда, тақризҳои мусбат гирифтаанд.

Бояд қайд кард, ки рисолаи таҳқиқотӣ дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ таҳқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявӣ ва амалии хулосаҳои илмияш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Муаллифи рисола барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ сазовор мебошад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** сухан ба доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нурзода А.Н. дода мешавад.

**Нурзода А.Н.** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ

Рисолаи таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи илмҳои педагогӣ бахшида шудааст. Мубрамият

ва муҳим будани мавзуи таҳқиқот дар он астм, ки то имрӯз ягон таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ дар ҷодаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимону муҳаққиқон гузаронида нашудааст.

Унвонҷӯ, ки худашон дар кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ба ҳайси ассистент кору фаъолият иенамояд, кӯшиш ба харҷ додааст, ки ташкили ҷараёни мавзуи таҳқиқотиро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Умуман, рисолаи таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, муаллифи рисола сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад. Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** сухани навбатӣ ба и.в. дотсенти кафедра Ҷалилова М.Н. дода мешавад.

**Ҷалилова М.Н.** - Шукурзода Хуршеди Абдумуминро аз давраи таҳсил дар шуъбаи рӯзона ва магистратураи факултети педагогика мешиносам. Ӯ шахси масъулиятшинос, поквиҷдон, меҳнатдӯст ва муҳаққиқи мустақил мебошад. Рисолаи таҳиянамудааш кори мукаммали мантиқан бaанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро гардидааст. Аз тавсияҳои пешниҳодшуда донишҷӯёни факултетҳои педагогикаи донишгоҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳои баҳри баланд шудани сифати таълими фанни Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ истифода карда метавонанд. Ин шаҳодати он аст, ки рисола

аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар ҳамин асос онро барои ҳимоя тавсия медиҳам.

**Раисикунанда:** сухан ба номзади илмҳои педагогӣ, и.в дотсент, мудири кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи биология Шарипов М.М. дода мешавад.

**Шарипов М.М.** – муҳимият ва муҳим будани мавзуи таҳқиқотӣ яке аз воситаи асосии санҷиши фарзияи педагогӣ - ин озмоиши педагогӣ мебошад. Вазифаи он муайянкунии самаранокии истифодаи усулҳо, воситаҳо, методҳои корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, шаклҳои ташкили шароити мусоид, муҳайё ва тадбиқи технологияи нави таълим, тарбия ва инкишофи мухассилин мебошад. Маҳорати таҳияи фарзия, роҳи муайянкунии санҷиши он, гузаронидани одитарин таҳқиқоти назариявӣ, истифодаи методҳои илмии тафаккур, аз диди мо, ин меъёрҳои асосии зарурии омӯзгор-таҳқиқотчӣ мебошад. Такя ба методҳои асосии таҳқиқотӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ амалӣ мешавад. Мақсади он аз муайянкунии муқоисавии самаранокии истифодаи методҳо, усулҳо, шаклҳои ташкили мусоиди воқеӣ, такя ва тадбиқи технологияи нави таълиму тарбия ва инкишофи хонандагон дар корҳои таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти таълими муосир мебошад. Ба андешаи мо, гузаронидани озмоиши педагогӣ яке аз омилҳои баланд шудани сифати таълим ва савияи дониши донишҷӯён баҳисоб меравад. Дар рисолаи мазкур маҳз ҳамин масъала ҳаллу фасл гардидааст. Чунин меҳисобам, ки рисолаи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва пурра баанҷомрасида буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ мебошад. Гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, рисолаи мазкурро барои ҳимоя пешниход менамоям.

**Раисикунанда:** боз ягон кас хоҳиши баромад кардан дорад, марҳамат. Хоҳишмандон нестанд. Ман ҳам мехоҳам доир ба доктарант ва рисолаи тахиякардааш чанд сухане гӯям. Унвонҷӯ дар назди кафедра таҳти роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳ.Х рисолаи хатми

бакалаврӣ ва магистрӣ таҳия намуда, онро бомуваффақият дифоъ карда аст. Рисолаи номзадиаш бошад, идомаи мантиқии рисолаи магистриаш мебошад ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Мақолаҳои нашркардаи муҳаққиқ мазмуну муҳтавои рисоларо инъикос менамояд. шинос шудам. Ба муҳимият ва актуалӣ будани мавзуи рисола ягон шакку шубҳае нест. Рисола маводи зиёди назариявию амалиро дар бар гирифтааст. Рисолаи таҳқиқотии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ
ба баҳои баланд сазовор аст, аз ин рӯ, онро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Раисикунанда:** дар асоси баромади унвонҷӯ Шукурзода Х.А., роҳбари илмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳ.Х., доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Нурзода Н.Н., номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Ҷалилова М.Н. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарипов М.М. ҷаласаи кафедра ба чунин хулоса омад:

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ пешниҳод шудааст ба яке аз масъалаҳои мубрами методии илми педагогикаи муосир бахшида шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ** дар он зоҳир мегардад, ки дар замони муосири инкишофи ҷомеа, мавриди дигаргунсозии системаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми хосаро сифати баландбардории кадрҳои педагогӣ доро аст. Хусусияти технологияи

муосири таълим, ин омодагии касбии омӯзгорон, оид ба ноилшавии натиҷаи баланди инкишофи эҷодии шахсият ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ба омӯзгор талаботҳои ҷиддӣ оиди омодагии касбӣ гузошта мешавад. Пешомади амалишавии коркардҳои худинкишофёбии мактаб, ки сарчашмаи боиси эҷодиёти омӯзгор мебошад, такя ба навгониҳои педагогӣ, инъикоси худро дар пайдо шудани мактабҳои типи нав зоҳир мешавад, дидан мумкин аст. Айни замон воридшавии элементҳои нави мазмуни маълумот, технологияи нави таҳсилот мустаҳкамии робитаи мактаб ва илм, мурочиат ба таҷрибаи пешқадами педагогии дунявӣ боз ҳам мақому мароми омӯзгорро дучанд месозад.

Самти рушди муосири мактаб, мураккабшавии таҳсилоти ибтидоӣ ва инкишофи хонанда боиси афзункунии эҷодкоронаи таълим ва инчунин талаботҳои нав ба навро оид ба омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоиро пеш мегузорад. Ба мактаби муосир омӯзгорони типи нав: омӯзгор-эҷодкор; омӯзгор-таҳқиқотчӣ; дорои қобилияти эҷодии ташхиси дилхоҳ усулу восита; маҳорати мушоҳидакорӣ; таҳлилкунӣ; дарёфти ҳолатҳои ҳақиқатшабеҳ; муқараркунии фарқият, ҷудокунии маҳаки асосӣ; умумигардонӣ; хулосабарорӣ; таҳлили танқидӣ, интихобкунии муҳими ба ин ё он ҳолати таълимӣ муносиб; ҳамзамон муҳайёкунии муҳити фаъолнокии ҷустуҷӯии хонандагон-омӯзгорӣ дорои тафаккури илмӣ-педагогии инкишофёфта лозим мебошад.

Масъалаи ошкорсозии нуфузи эҷодии шахсият, инкишофи мустақилияти он салоҳият ба таҳқиқот, тарбиявии маънавӣ ва интеллектуалии он яке аз проблемаҳои муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Омодасозии омӯзгорони оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва танқидан фикрронанда, қобилияти таҳияи системаи таҳсилоти худ, ҳамон вақт имконпазир мешавад, ки ҷабҳаҳои гуногуни таҷрибаи фаъолияти эҷодиро дар курсҳои донишҷӯйи гирифта бошад. Бинобар ҳамин, ҳам мақсад ва вазифаҳои донишгоҳҳои омӯзгорӣ - дар асоси дониш ва маҳоратҳои фундаменталӣ (мустаҳкамӣ) дар донишҷӯён қобилият ба эҷодиётро инкишоф дода, ҳидоят ба равандҳои таҳқиқотӣ кунанд. Фақат

омӯзгори эҷодкорона фаъолияткунанда, омӯзгори таҳқиқотчӣ, боиси фаъолияти амалисозии равандҳои навгониҳо дар мактаб, барандаи технологияи педагогии нав шуда метавонад.

Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани ягон таҳқиқоти махсуси мукаммал оид ба масъалаи таҳқиқотӣ ва маводи таълимию методӣ бо забони тоҷикӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимии олии касбӣ муҳимият ва замонавӣ будани мавзуи таҳқиқотиро собит менамояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- моҳият ва мазмуни омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун сифати ҳамгирои шахсият, ки муаллимони ояндаро майли ворид шудан ба муҳити фаъолияти таҳқиқоти доранд, инчунин таҷрибаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотиро дар ҳолатҳои стандартӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ мекунанд, ошкор гардидааст;

- муқаррар ва илман имкониятҳои бомувафакияти ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» асоснок карда шудааст;

- меъёрҳо, дараҷаҳои омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ: марокнокӣ (муносибати мусбӣ ба касбӣ ояндаи худ, дарки моҳияти фаъолияти таҳқиқотӣ дар мувоффақиятнокии худфаъолиятӣ); маърифатӣ (фаҳмиши методологӣ ва масъалаҳои таҳқиқотии педагогӣ, донишҳои мушаххаси фаннӣ ва ғайра); фаъолиятнокӣ (маҳоратҳои лоиҳабандӣ, асосноккунӣ, ташкилӣ, робитавӣ); инъикоскунанда (қобилияти иҷрои таҳлил ва баҳодиҳии нуқтаҳои назари гуногун оид ба масъалаҳои мушаххас, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳии фаъолияти таҳқиқотӣ).

- роҳу воситаҳои истифодаи таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар беҳдошти омодагии касбӣ-методӣ, навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм коркард шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот иборат аст, аз:**

- натиҷаҳои он ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид шуд;

- дар кор мафҳуми омодагии муаллимон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун системаи ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» барои ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардид;

- дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда мавриди омӯзиши «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» муайян шуд;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонад асоси назариявии коркарди ояндаи ин проблема шавад;

- боиси муайянкунии барномаи корӣ ва васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» гардид;

- инчунин хулосаҳо, андешаҳо, ки боиси беҳдошти раванди таълиму тарбия дар донишгоҳҳо гардид, муҳити фароҳам мавҷуд аст;

- маводи рисоларо метавонанд дар бораи беҳдошти системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ истифода кунанд

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** рисола аз сарсухан, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

**Мазмун ва муҳтавои кор дар ҷамъомадҳои зерини илмӣ амалӣ карда шуд:**

✓ конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таҳсилоти мактабӣ: воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии Стандартҳои насли нав» бахшида ба 55-солагии таъсисёбии кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, (Душанбе, 2016);

✓ конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Раванди муосири таълиму тарбия дар таҳсилоти томактабӣ ва фарогир: назария ва амалия», (Душанбе, 2017);

✓ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» бахшида ба Соли ҷавонон, 20-солагии Ваҳдати миллӣ ва 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Қодиров Б.А., (Душанбе, 2017);

✓ маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас», (Хуҷанд, 2019);

✓ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумии техникӣ» бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ, хунарҳои мардумӣ ва макоми байналмилалӣ гирифтани чакан, (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он» ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои тамоили салоҳиятнокӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусии синфҳои ибтидоӣ». (Душанбе, 2019);

✓ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов . (Бохтар, 2020);

✓ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ҳайати профессорон ва омӯзгорон бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳти унвони "Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир", (Душанбе, 2020);

✓ конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ", (Душанбе, 2021);

✓ конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муносибати инноватсионӣ ба ташкили раванди таълим дар шароити татбиқи стандартҳои нави таҳсилот» бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (Хуҷанд, 2021);

✓ конференсияи илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Проблемаҳои муосири илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” бахшида ба 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), 50-солагии факултети физика, (Душанбе, 2021);

✓ конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Нақши илмҳои табиӣ-риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар раванди саноаткунонии бо суръати кишвар” бахшида ба амалигардонии “20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040), инчунин ҳадафи чоруми стратегии миллӣ-саноатикунонии бо суръати кишвар, (Душанбе, 2022);

✓ аз натиҷаҳои таҳқиқот 17 номгӯй мақолаҳои илмӣ чоп карда шуд, ки дар байни онҳо чортояшон ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Тавсия ба ҳимоя.** Бо назардошгти он ки рисолаи унвонҷӯи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи “Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба ҳамаи талаботи ба ин навъ корҳо пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад, аз ин рӯ, он ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Ҷаласаи якҷояи кафедраҳои методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултнти педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Рисолаи илмии рисолаи докторанти кафедраи методикаи тахсилоти ибтидоӣ Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ"таҳқиқоти дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷомрасида буда, аҳамияти калони назариявую амалӣ дошта, ба ҳамаи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Маводи нашркардаи муаллиф мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

3. Аз раиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х. М. хоҳиш карда шавад, ки рисолаи мазкурро барои ҳомия кардан мусоидат намоед.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 29. 09. 2022, № 2 кабул шудааст.

Иштирок доштанд: 31 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 30 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Протоколи № 2 аз 29. 09. 2022**

Раис, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти
ибтидоии факултети педагогикаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент: Ғаффоров А.О.

Котиби ҷаласа, мудири кафедраи педагогика
ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети

педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ: Фозилов С.М.

Имзоҳои А. О. Ғаффоров ва С. М. Фозиловро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Нишонӣ:** 734003, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj